# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

“5” 05 соли 2023 №96/шд шаҳри Душанбе

*Дар бораи боздоштани фаъолияти шурои муштараки диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 6 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), банди 120 ва 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 2, 3, 6 ва 7 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) дар ҳимояи диссертатсияи довталабон Кулумбетов Руслан, Хайдаров Садыкжан ва Оналбеков Ержан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, содир намудани рафтори ношоями илмӣ (роҳ додан ба сохтакорӣ ва азхудкунии муаллифӣ) фаъолияти шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-025 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз 27 апрели соли 2023 ба муҳлати 6 (шаш) моҳ боздошта шавад.
2. Ҳамаи ваколатҳои шурои муштараки диссертатсионӣ оид ба қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсия қатъ карда шавад.
3. Баррасии минбаъдаи диссертатсияҳое, ки то имзо шудани фармоиши мазкур аз тарафи шурои муштараки диссертатсионии мазкур ба баррасӣ қабул шудаанд, пас аз омӯзиш бо дастури хаттии Комиссия ба роҳ монда шаванд.
4. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки барои дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, барои ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2023, № 05.

Раис Розиқзода А.